Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062
назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва
Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail:
p.rektora@mail.ru)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ашуров И.С. ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро гардида, ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат менамояд: 1.1.Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо. 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ. 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ. 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ. 1.15.Таҳқиқи самтҳо ва воситаҳои рушди созмондиҳии нави технологии низомҳои иқтисодӣ. Коркарди стратегияи рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Рушди устувори иқтисодиёт аз равандҳои ташкили сиёсати инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он

вобаста мебошад, зеро дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030) мақсад гузошта шудааст, ки рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ «…бар пояи навовариҳо» ба роҳ монда шуда, он дар партави иҷрои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ», «Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат», Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2025 амалї бояд гардад.

Бо мақсади амалӣ намудани ҳадафи мазкур дар доираи СМР–2030, се сенарияи рушд пешбинӣ гардида, муҳимтарини он рушди иқтисодиёти миллӣ бо роҳи индустриалию инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар таъмини рушди инноватсионии иқтисодиёти мамлакат рушди инноватсионии саноат яке аз самтҳои калидӣ ва афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноат, яке аз омилҳои асосии рушди устворй иқтисодиёти миллӣ буда, фаъолияти дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба он зич вобаста мебошанд. Амалигардонии сиёсати мазкур дар соҳаи саноат имкон медиҳад, ки низоми миллии инноватсионӣ ва тафаккури саноативу инноватсионии аҳолӣ дар робита бо таҳаввулоти илмию техникии ҷаҳони имрӯза тақвият дода шавад.

Бо ҳамин сабаб мавзӯи илмӣ, ки ба таҳлили татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноат, имкониятҳои рушди инноватсионии саноат дар асоси ташаккули низоми инноватсионии саноатӣ, хусусиятҳои арзёбии низоми идоракунии соҳаи саноат, самтҳои афзалиятноки рушди инноватсионии саноат дар шароити саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чоруми стратегии кишвар қабул гардида иҷро карда шудааст, мавзӯи муҳимми илмӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳимтар аз ҳама, татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи саноат на танҳо рушди устувори иқтисодиётро таъмин мекунад, балки сатҳи рақобатпазирии саноати миллӣ, таъмини худикифоии технологӣ ва ҷойҳои нави кориро афзоиш медиҳад. Ин раванд, инчунин заминаи таҳияи стратегияҳои навоваронаи соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва тақвияти робитаҳои байнисоҳавиро фароҳам меорад, ки барои саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ ва рушди инноватсионии мамлакат аҳамияти калидӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳлили татбиқи сиёсати инноватсионӣ дар саноат ва арзёбии таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои асосии тадқиқоти илмӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Мавриди зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳои илмӣ, дастовардҳо ва хулосаву пешниҳодҳо пешниҳод шудаанд, ки пурра дар матни диссертатсия инъикос ёфтаанд. Навгониҳои илмии

таҳқиқот ба асосноккунии назариявӣ ва ҳалли масъалаҳои амалӣ, инчунин такмилдиҳии дастгирии давлатӣ барои рушди низоми саноат дар кишвар бо истифода аз принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ равона шудаанд.

Ҷанбаҳои методологӣ дар таҳқиқот асосан бо равишҳои системавӣ ташкил гардидаанд, ки имкон медиҳанд мушкилоте, ки дар раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат ба вуҷуд меоянд, ба таври ҳамаҷониба таҳлил ва ҳалли онҳо пешниҳод шавад.

Ҳангоми иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз усулҳои оморӣ–математикӣ, бисёромилӣ, ҳамчунин усулҳои ҷадвалӣ, графикӣ ва дигар методҳои таҳлилии анъанавӣ васеъ истифода бурда шудааст, ки таҳлили пурра ва натиҷагирии воқеӣ аз маълумотҳои мавҷударо таъмин менамояд. Аз ҷумла, муҳимтарин унсурҳои навгонии илмии таҳқиқот, ки аҳамияти муҳими иқтисодӣ доранд, чунинанд:

–мушаххас намудани мавқеъ ва ҷойгоҳои фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунии рушди соҳаи саноат бо такя ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявии он. Дар ин раванд идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ таъриф дода шудааст, ки он ҳамчун маҷмуи истифодаи роҳу усулҳои инноватсиониро дар бар гирифта, татбиқи онҳо дар низоми саноатӣ самаранокии онро дар шароити бозор таъмин намуда, онро ба самти мақсаднок равона менамояд;

– асоснок кардани роҳу усулҳо идоракунии рушди инноватсионии саноат бо таваҷҷуҳ ба таҷрибаи кишварҳои пешқадам ва татбиқи онҳо дар шароити Тоҷикистон. Бо ин мақсад пешниҳод карда мешавад, ки минбаъ зарур аст, ки ба таъсиси кластерҳои саноатӣ, комплексҳои саноатӣ ва дигар инфрасохтори саноатие, ки дар заминаи принсипҳои инноватсионӣ таъсис дода шуда, фаъолияти он идора карда мешавад, диққати махсус дода шавад;

– гурӯҳбандии принсипҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои саноатӣ: самаранокӣ, систематикӣ, таъминоти кадрӣ, мутобиқшавӣ, давомнокӣ, идоракунии хавфҳо, таъмини захираҳо, ҳамкорӣ ва ошкорбаёнӣ, таъминоти инфрасохторӣ, таваҷҷуҳи муштариён, таъминоти моддию техникӣ. Принсипҳои мазкур барои идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, онро ба сатҳи нави муносибат дар шароити бозор мебарорад;

– асосноккунии ҷанбаҳои методии идоракунии рушди инноватсионии саҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани нишондиҳандаҳои асосӣ ва усулҳои арзёбии рушди инноватсионии низоми саноатӣ;

– дида баромадани имкониятҳои рушди инноватсионии соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани талаботи соҳа ба захираҳои кадрӣ ва пешниҳод кардани роҳҳои таъмини ба он;

– мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор додани сохтори институтсионалии идоракунии рушди инноватсионии низоми саноатӣ миллӣ бо таваҷҷуҳ ба муайянсозии нақши ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ин самт;

– мушаххас кардани нақши давлат ҳамчун субъекти раванди инноватсионӣ дар идоракунии рушди низоми саноатӣ ва пурзӯр намудани кори сохторҳои таркиби он дар заминаи гузаштан ба модели индустриалӣ-инноватсионӣ ва таҳияи асосҳои консептуалии рушди он;

– ошкор намудани мушкилоти саноати миллӣ дар раванди гузариш ба модели инноватсионии рушд бо роҳи таҳлили ҳамаҷонибаи имконият ва монеаҳо дар ин раванд, ки бартараф намудани онҳо рушди устувори соҳаи саноати миллиро дар шароити маҳдудияти захираҳо ва афзоиши рақобати бозорӣ таъмин менамояд;

– рушди ҳамгироии инноватсионӣ дар соҳаи саноат бо таваҷҷуҳ ба тавсеаи шарикии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор асоснок карда шудааст. Татбиқи консепсияи пешниҳодшудаи муаллиф (Консепсияи рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи саноат) дар шароити Тоҷикистон як падидаи нави иқтисодӣ буда, он метавонад дар раванди идоракунии инноватсионии соҳаи саноат ва рушди “сабз”-и он нақши ҳалкунанда гузорад;

– самтҳои афзалиятноки идоракунии рушди инноватсионии системаи миллии саноатӣ бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии раванди тавлиди молу маҳсулот ва мутобиқгардонии он бо принсипҳои иқтисоди “сабз” пешнишод карда шудаанд. Чунин равиш имкон медиҳад, ки аз як тараф, рушди инноватсионии низоми саноати миллӣ таъмин гардад ва аз ҷониби дигар, сохтори истеҳсолии кишвар марҳала ба марҳала ба талаботи экологӣ, ҳамчун Ҳадафи Рушди Устувор, (ҲРУ) мутобиқ гардонида шавад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи асосноксозии муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, ба таҳлили амиқи илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва амалии соҳавӣ такя мекунад. Дар ҷараёни анҷом додани таҳқиқот, маҷмӯи усулҳои оморӣ-математикӣ, таҳлили бисёромила, ҳамчунин усулҳои ҷадвалӣ ва графикӣ ба таври васеъ истифода шудаанд, ки ин ба баланд шудани эътимоднокӣ ва дақиқии натиҷаҳо мусоидат намудааст.

Муаллиф бо дарназардошти дастовардҳои муосири соҳа, равандҳои глобалӣ ва хусусиятҳои рушди иқтисодии миллӣ, масъалаҳои муҳими марбут ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноатиро ба таври фарогир таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон, таҷрибаи мавҷуда ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, ки ба мавзӯи идоракунии рушди инноватсионии саноатӣ дахл доранд, мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои бадастомада дар сатҳи зарурӣ асоснок буда, бо такя ба сарчашмаҳои боэътимоди оморӣ тасдиқ шудаанд. Ин маҷмӯи маълумот ба муаллиф имкон додааст, ки хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат ва баланд бардоштани рақобатпазирии саноати миллӣ таҳия намояд.

Бо дарназардошти зарурати такмил ва оптимизатсияи системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи диссертатсионӣ коркард ва асоснок карда шуда, самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои амалии татбиқи сиёсати инноватсионии саноатӣ пешниҳод мегарданд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи маҷмӯи муқаррароти илмӣ-назариявӣ ва методологӣ инъикос меёбад, ки моҳият, вазифа ва мазмуни иқтисодии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро ба таври возеҳ ошкор месозанд. Ин муқаррарот барои таҳия ва амалӣ намудани тадбирҳои муассири рушди индустриалӣ ва инноватсионӣ аҳаммияти калидӣ дошта, ҳамчун заминаи консептуалӣ барои таҳкими асосҳои назариявии рушди инноватсионии саноати миллӣ хизмат мекунанд.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои илман асоснокшудаи он метавонанд аз ҷониби ширкатҳо, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои марбута ва корхонаҳои саноатӣ барои такмили сиёсати соҳавӣ ва давлатии таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ба таври амалӣ истифода шаванд. Истифодаи чунин тавсияҳо метавонад ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, ҷалби технологияҳои пешрафта, рушди иқтисоди рақобатпазир ва тақвияти иқтидори инноватсионӣ дар соҳаи саноат мусоидат намояд.

Бо дарназардошти масъалаи такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавод боз ҳам амиқтар коркард ва васеъ асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот самтҳои афзалиятноки такмили идоракунӣ, механизмҳои муассири ҳавасмандгардонӣ, воситаҳои

муосири сиёсати инноватсионӣ ва моделҳои татбиқи инфрасохтории инноватсионӣ дар шароити миллӣ пешниҳод мегарданд, ки барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати саноатии кишвар аҳаммияти амалӣ доранд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотӣ ҳамчунин метавонанд дар раванди таълими фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисоди рақамӣ», «Иқтисоди корхона», инчунин, курсҳои махсуси марбут ба сиёсати саноатӣ ва инноватсионӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ин тадқиқот ба омӯзиши назариявӣ ва амалии равандҳои инноватсионии иқтисодӣ мусоидат намуда, заминаи илмӣ барои таҳияи стратегияҳои муосири рушди саноатиро фароҳам меорад.

Диссертатсия аз муққадима, панҷ боб, хулоса, руйхати адабиёт иборат аст. Кор аз 396 саҳифа, 27 ҷадвал, 35 расм, 9 диаграмма иборат мебошад. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 320 номгӯйро дар бар мегирад. Дурусти ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи сарчашмаҳои илмӣ оид ба хусусиятҳои ташаккули сиёсати инноватсионии кишвар пурра коркард шудаанд.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи таҳқиқоти диссертатсионӣ собит гардида, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, мавзуи таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқот муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашмаҳо, марҳила бо навгониҳои илмии таҳқиқот кушода дода шудааст. Ҳамзамон, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод ва асоснок карда шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»,** асосҳои назариявии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноатӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва сохтори системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат, инчунин, таҳлили таҷрибаи хориҷии идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст (саҳ.24-84).

Ташаккул ва рушди системаи идоракунии инноватсионӣ дар соҳаи саноат ба маҷмӯи қонунмандиҳои назариявӣ, омилҳои институтсионалӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ асос мeёбад, ки дар якҷоягӣ имкон медиҳанд, самаранокии фаъолияти саноатӣ баланд, рақобатпазирии миллӣ тақвият ва равандҳои модернизатсия таъмин карда шаванд. Дар шартҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, инноватсия ба унсури калидӣ ва омили асосии такмили сохтори саноат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, коҳиши хароҷот ва диверсификатсияи истеҳсолот табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккулёбии чунин система

барои кишварҳое, ки дар марҳилаҳои фаъолсозии сиёсати саноатӣ қарор доранд, аҳамияти вижа дорад.

Вобаста ба ин, муаллиф асосҳои назариявии ташаккулёбӣ ва институтсионалии системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки идоракунии рушди инноватсионии низоми миллии саноатӣ вазифаи муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама дониш, таҷриба ва маблағгузории мушаххаси давлатӣ ва бахши хусусиро талаб менамояд. Муаллиф бо дарназардошти хусусиятҳои хос, марҳилаҳои рушди соҳаи саноатро дар расми 1.1.1. (саҳ. 27) тақсимбандӣ намуда, нақшаи сохтории раванди инноватсионии соҳаи саноатро дар расми 1.1.2. (саҳ. 29), намудҳои зерсистемаҳои соҳаи саноат дар ҷадвали 1.1.1. (саҳ. 42), сохтори ташкилии соҳаи саноати Тоҷикистон дар расми 1.1.3. (саҳ. 44), механизми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат бо дарназардошти татбиқи илм дар истеҳсолот дар ҷадвали 1.2.1. (саҳ. 50), нақши инноватсия дар идоракунии рушди соҳаи саноат дар расми 1.2.1. (саҳ. 55), равиши инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар расми 1.2.2. (саҳ. 60), моделҳои асосии рушди инноватсионии кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта дар ҷадвали 1.3.1. (саҳ. 75) таҳқиқ намудааст, ки ба мақсад мувофиқ мебошад.

Зимнан, бо таҳқиқи фикру андешаҳои олимони соҳа муаллиф хулоса менамояд, ки раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати миллӣ бояд бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти муосир амалӣ карда шавад. Воқеан ҳам, рушди инноватсионии соҳаи саноат дар баробари таҳаввулоти технологӣ ва ҷамъиятӣ яке аз омилҳои калидӣ барои таъмини рақобатпазирӣ ва устувории иқтисод мебошад (саҳ. 28 - 30).

Дар ин боб муаллиф исбот намудааст, ки раванди ташаккул ва рушди саноат ба қонуниятҳои илмӣ ва принсипҳои муосири идоракунии муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодӣ такя мекунад. Давлат доираи ин муносибатҳоро муайян намуда, омилҳои бозориро низ ба назар мегирад. Яке аз шартҳои асосии баланд бардоштани рақобатпазирии саноат татбиқи дастовардҳои илмӣ дар истеҳсолот мебошад, ки мутобиқсозии сохтори саноатиро ба талаботи нав ва таҳаввулоти илмию техникӣ талаб мекунад. Ин раванд бояд бо дарназардошти зерсистемаҳои саноатӣ амалӣ гардад, то имкониятҳои истеҳсолӣ ва содиротии кишвар васеъ шаванд.

Барои рушди инноватсионии соҳаи саноат такмили унсурҳои институтсионалӣ ва бозингарии сохтори идоракунӣ бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ зарур аст. Бо дар назар доштани он ки фаъолияти инноватсионӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор

дорад, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешсаф аҳамияти калон дорад. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки бо такя ба хусусиятҳои миллӣ модели муассири рушди инноватсионии саноати кишвар таҳия шавад.

**Дар боби дуюми диссертатсия – «Ҷанбаҳои методологии ташаккулёбӣ ва идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат»,** асосҳои методологии ташаккулёбии системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат дар заминаи аниқ намудани принсипҳои асосӣ ва шароитҳо, ки барои баланд бардоштани самаранокии он ва таҷдиди ҷузъи институтсионалии он зарур мебошад, дида баромада шудааст (саҳ.85-137).

Муаллиф дар боби мазкур самтҳои назариявӣ ва амалии ташаккули модели муосири идоракунии инноватсионӣ дар саноатро асоснок намуда, заминаи илмӣ барои таҳияи тавсияҳои амалӣ мегузорад. Ҳамзамон, меъёрҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар расми 2.1.1. (саҳ. 88), нишондиҳандаҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар расми 2.1.2. (саҳ. 90), маҷмуи тадбирҳои равиши идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар расми 2.1.3. (саҳ. 91), омилҳои дохилӣ ва берунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар расми 2.1.4. (саҳ. 95), асосҳои методологияи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар расми 2.1.5. (саҳ. 100), принсипҳои асосӣ ва муосири идоракунии рушди инноватсионӣ дар соҳаи саноат дар ҷадвали 2.2.1. (саҳ. 107-111), принсипҳои таъмини кадрии соҳаи саноат дар расми 2.2.2. (саҳ. 114), хусусиятҳо, ҷанбаҳо ва самтҳои идоракунии ниҳодҳои давлатӣ (саҳ. 124-130) ва вазифаҳои асосии давлат дар раванди идоракунии инноватсионии рушди соҳаи саноат дар расми 2.3.3. (саҳ. 132) нигаронида шудааст.

Дар кори илмӣ қайд гардидааст, ки “…асосҳои методологии ташаккули системаи идоракунии рушди инноватсионии саноат муносибати ҳамгиро талаб мекунад, ки банақшагирии стратегӣ, равандҳои инноватсионӣ ва идоракунии самараноки хавфҳоро ба ҳам мепайвандад. Татбиқи чунин усулҳо ва принсипҳо ба корхонаҳо имкон медиҳад, ки рақобатпазирии худро дар бозор баланд бардоранд ва ба шароит ва технологияҳои он мутобиқ шаванд”(саҳ. 85).

Дар ҷамъбастӣ боби дуюм муаллиф ба хулосае омадааст, ки рушди самараноки соҳаи саноат дар шароити муосир аз такмил ва мустаҳкам намудани ҷанбаҳои методологӣ ва институтсионалии идоракунии рушди инноватсионӣ вобаста мебошад. Равиши методологӣ бояд маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳоро дарбар гирад, ки имкони ба таври ҳамаҷониба арзёбӣ намудани натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва таъсири омилҳои дохилию берунаро фароҳам меорад. Ҷудо намудани усулҳои миқдорӣ ва сифатии баҳодиҳӣ ва истифодаи ҳамзамони онҳо имкон медиҳад, ки вазъият ва

дурнамои рушди саноат объективона муайян карда шавад (саҳ. 136-137).

Ба андешаи муаллиф, методологияи идоракунӣ бояд чорабиниҳои стратегӣ, аз банақшагирӣ то идоракунии хавфҳо ва захираҳоро фаро гирифта, ба талаботи замони муосир, аз ҷумла татбиқи технологияҳои рақамӣ ва сабз, мутобиқ бошад. Дар баробари ин, такмили сохтори институтсионалӣ, баланд бардоштани самаранокии ниҳодҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ аҳамияти калидӣ доранд. Ин раванд бознигарии асосҳои консептуалии рушди институтсионалии саноати кишварро тақозо мекунад, то ки тамоми иштирокчиёни раванд шароити мувофиқ барои рушди инноватсионӣ дошта бошанд.

**Дар боби сеюми диссертатсия – «Вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** таҳлили вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди инноватсионии саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, системаи муосири идоракунии рушди равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ карда шуда, усулҳои арзёбии самаранокии системаи идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ асоснок гардидаанд (саҳ.138-206).

Рушди инноватсионии саноат яке аз самтҳои калидии таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва баландбардории самаранокии истеҳсолот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод, суръати баланди тағйироти технологӣ ва талаботи афзояндаи бозор ба маҳсулоти дорои арзиши иловагии баланд, зарурати татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, муаллиф тавсифи нишондиҳандаҳои асосие, ки сатҳи рушди соҳаи саноатро дар ҷадвали 3.1.1. (саҳ.140), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар давоми солҳои 2015-2023 дар диаграммаи 3.1.1. (саҳ.141), нишондиҳандаҳои асосӣ ва динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи соҳаҳои асосии саноат дар солҳои 2015–2023 дар ҷадвали 3.1.2. (саҳ. 144), динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо дар солҳои 2015–2023 дар ҷадвали 3.1.3., бо ҳиссаи минтақаҳо дар қиёс ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва шумораи умумии корхонаҳои истеҳсолӣ (саҳ. 147-152), нишондиҳандаҳои корхонаҳои саноати истихроҷ ва саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023 дар ҷадвалҳои 3.1.4. (саҳ. 154-156), динамикаи истеҳсоли масолеҳи саноати сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016–2023 дар ҷадвали 3.1.6. (саҳ. 159), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва ҳиссаи он дар ММД дар давоми солҳои 2015-2023 дар диаграммаи 3.1.7. (саҳ. 163), воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯй намуди бахшҳои иқтисодиёт дар давоми солҳои 2015–2023 дар ҷадвали 3.1.7.

(саҳ. 165), ҳиссаи саноати коркард ва истихроҷи маъдан дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ аз рӯй намуди бахшҳои иқтисодиёт дар солҳои 2015–2023 дар диаграммаи 3.1.8. (саҳ. 166), инчунин, сохтори механизми ташкилию иктисодӣ, усулҳои арзёбии ва унсурҳои асосии системаи идоракунӣ, сохтори умумӣ, арзёбии рушди инноватсионии соҳаи саноат, усулҳои методии идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва нишондиҳандаҳо доир ба арзёбии самаранокии идоракунии корхонаи саноатӣ (саҳ. 172-200) асоснок карда шудааст.

Диссертант шарҳ додааст, ки барои Тоҷикистон, ки дар раванди инноватсионӣ ва технологии татбиқи барномаҳои давлатӣ ва ислоҳот дар марҳалаи рушди иқтисодӣ ва саноатӣ қарор дорад, интихоби усули дуруст барои идоракунии рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ басо муҳим арзёбӣ карда мешавад. Чунки барои истифодаи усулҳо бояд вазъи иқтисодӣ, рушди соҳаи саноат ва инчунин имкониятҳои ҷойдоштаро ба инобат гирифтан зарур мебошад. Дар ин раванд зарур аст, ки нишондиҳандаҳо доир ба арзёбии самаранокии ташкил ва идоракунии соҳаи саноат муайян карда шаванд.

Ҳамин тавр, диссертант бо хулосабардорӣ иброз медорад, ки саноати Тоҷикистон бахши муҳимми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бошад ҳам, барои рақобатпазирӣ ба модернизатсияи инноватсионӣ ниёз дорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки инфрасохтори соҳа нокифоя буда, таъсиси кластерҳо, паркҳои индустриалӣ ва марказҳои инноватсионӣ зарур мебошад. Низоми идоракунии саноат бештар анъанавӣ буда, робитаи илм ва истеҳсолот суст аст. Барои рушди устувор, тақвияти механизмҳои инноватсионӣ ва ҳамкории давлат, бахши хусусӣ ва ниҳодҳои илмӣ муҳим мебошад. Арзёбии илмии имкониятҳои соҳа имкон медиҳад, ки қарорҳои дурусти идоракунӣ қабул гарданд.

**Дар боби чаҳоруми диссертатсия – «Нақши ҳамгироии инноватсионӣ дар раванди идоракунии рушди системаи саноатӣ»,** афзалият ва камбудиҳои консепсияҳои муосири ҳамгироии инноватсионӣ муаян карда шуда, вазъи муосири раванди ҳамгироӣ дар саноати Тоҷикистон, инчунин, ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун консепсияи муосири идоракунии рушди инноватсионии системаи саноатӣ, мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтаанд (саҳ.207-266).

Ба ақидаи муаллиф, дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки рақобат ва ноустувориҳои иқтисодӣ зиёд гардидаанд, ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ба яке аз самтҳои муҳимтарин барои пешрафти саноат табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ҳамгироии инноватсионӣ барои саноати Тоҷикистон на танҳо зарур аст, балки омили асосии рушди устувор ва рақобатпазирии

иқтисоди миллӣ мебошад. Маҳз ҳамгироии инноватсионӣ метавонад ба баланд гардидани маҳсулнокӣ, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти дорои арзиши баланди инноватсионӣ, коҳиши вобастагӣ аз воридот ва таҳкими амнияти иқтисодии кишвар мусоидат кунад.

Дар робита ба ин, муаллиф унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосӣ, навъҳои муосир, самтҳои стратегии рушди инноватсионӣ, афзалиятҳо ва камбудиҳои стратегияи низоми инноватсионии саноатӣ, равандҳо, ҷанбаҳо ва принсипҳои асосии ҳамгироии инноватсионӣ дар раванди идоракунии рушди саноат (саҳ.208-225) таҳқиқ намуда, имкониятҳои истифодаи модели интегратсияи илм, маориф ва тиҷорат дар Тоҷикистон ва ҷанбаи сохтории низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар расми 4.2.1. (саҳ. 229-236) мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, ҷанбаҳои асосии ҳамгироии инноватсионӣ ва рушди он дар саноати кишвар (саҳ. 238-244) баррасӣ гардида, нақшаи сохтори раванди ҳамгироӣ бо дарназардошти унсурҳои соҳаи саноат дар расми 4.3.1. (саҳ.249), омӯзиши нақши ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот ҳамчун омили муҳимми идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат дар ҷадвали 4.3.2. (саҳ.255), марҳилаҳои рушди ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот дар соҳаи саноат бо ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот тавассути кластерҳо (саҳ.261-264) асоснок карда шудааст.

Бахусус, муаллиф иброз менамояд, ки Ҳамкории зичи байни ин се соҳа ҷиҳати табодули таҷриба, муошират ва татбиқи амалии навоварӣ шароит фароҳам меоварад, ки рушди устуворро дар тамоми соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъмин месозад. Аз ин рӯ, таҳлил нишон медиҳад, ки барои таъмин кардани ҳамгироии муассир дар соҳаҳои воқеии иқтисодӣ, бояд муносибатҳо ва ҳамкориҳои мустаҳкам байни ниҳодҳои гуногун, муассисаҳои таҳсилотӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва марказҳои таҳқиқотӣ ба роҳ монда шаванд (саҳ.262).

Дар ин боб, муаллиф хулоса менамояд, ки Консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ ба ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои инноватсионӣ дар доираи низоми миллии инноватсионӣ равона шуда, имкониятҳои иқтисодии соҳаи саноатро тақвият медиҳад. Афзалияти он беҳтар намудани ҳамкории байни истеҳсолот, илм ва таҳсилот, ташаккули экосистемаи инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои муосир мебошад. Барои татбиқи самараноки консепсия зарур аст, ки ҳавасмандгардонии молиявӣ, ҳамкории илмӣ-техникӣ бо кишварҳои пешрафта ва баланд бардоштани малакаи кадрҳо таъмин карда шавад.

**Дар боби панҷуми диссертатсия – «Самтҳои асосии такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»,** самтҳои афзалиятноки такмили раванди идоракунии рушди

инноватсионии соҳаи саноат дар заминаи истифодаи технологияи рақамӣ ва принсипҳои иқтисодиёти “сабз” асоснок карда шудааст (саҳ.267-327).

Боб ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, воқеан ҳам, дар заминаи рақамикунонӣ ва иқтисодиёти сабз имкон медиҳад, ки рақобатпазирии истеҳсолот баланд, сарфаи захираҳо таъмин ва таъсири экологӣ коҳиш ёбад. Ин раванд на танҳо ба афзоиши самаранокии иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад, балки барои таъмини амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори кишвар дар шароити ноустувории стратегияи ҷаҳонӣ заминаи воқеӣ фароҳам месозад.

Муаллиф дар кори илмии худ, масъалаи самтҳои идоракунии рушди низоми инноватсионии саноатӣ дар ҷадвали 5.1.1. (саҳ.268), нақшаи амал оид ба раванди идоракунии рушди инноватсионии саноатӣ дар расми 5.1.1. (саҳ.286), афзалият ва камбудиҳои рақамикунонӣ дар саноатро дар ҷадвали 5.2.1. (саҳ.297), сохтори экосистемаи рақамӣ дар расми 5.2.1. (саҳ.300), марҳалаҳои амалишавии иқтисоди «сабз» барои солҳои 2023-2037 дар расми 5.3.1. (саҳ.312), механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди “сабз” дар расми 5.3.2. (саҳ.315), принсипҳои татбиқи иқтисоди «сабз» дар ҷадвали 5.3.1. (саҳ.316), дар расми 5.3.3. – Нақшаи амал оиди мутобиқгардонии низоми инноватсионии саноатӣ ба принсипҳои иқтисоди “сабз” бо Консепсияи рушди иқтисоди “сабз” дар соҳаи саноатро дар расми 5.3.4. асоснок ва пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи муаллиф дар шароити пешгӯйинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва вазъи геополитикӣ, зиддият ва рақобатҳои шадид саноати мамлакат дар заминаи барномаҳо ва нақшаҳои стратегии давлат дар сатҳи зарурӣ рушд намуд. Дар навбати худ, боби мазкур хулосабардорӣ мегардад, ки рушди идоракунии инноватсионии соҳаи саноат яке аз самтҳои афзалиятноки такмили саноати миллӣ мебошад. Ҳадафи он истифодаи технологияҳои рақамӣ, татбиқи навовариҳо ва мутобиқсозии истеҳсолот ба принсипҳои иқтисодиёти «сабз» аст. Таҳияи нақшаи амалӣ ва стратегияҳои инноватсионӣ, ташкили муҳити мусоид, ҳамгироии технологӣ ва таъмини иттилоотии равандҳо тавассути экосистемаи рақамӣ бо таҳияи «Консепсияи миллии татбиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз дар соҳаи саноат» асоси стратегияи амал ва мутобиқсозии саноат ба талаботҳои муосир хоҳад буд.

Сохтори диссертатсия дорои пайванди мантиқии мукаммал мебошад: дар бобҳои аввал заминаҳои назариявӣ ва методологӣ ба таври ҳамаҷониба таҳия шудаанд, дар ҳоле ки бобҳои минбаъда ба таҳлили вазъи амалии равандҳои мавҷуда равона гардидаанд. Дар анҷом, дар асоси натиҷаҳои таҳлилӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноатӣ

пешниҳод мегарданд.

**Дар қисми хулосаи диссертатсия** аз ҷониби муаллиф натиҷаҳои асосии илмӣ ба таври мукаммал ҷамъбаст карда шуда, аҳамияти онҳо баён намуда, тавсияҳои мушаххас пешниҳод гардидааст, ки самтҳои татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқотро дар соҳа муайян менамоянд. Ин тавсияҳо ба ҳалли муаммоҳои асосии дар диссертатсия матраҳгардида, аз ҷумал, беҳтарсозии механизмҳои идоракунӣ, такмили асосҳои институтсионалӣ ва рушди равандҳои инноватсионӣ равона шудаанд. Ҳамчунин, муаллиф роҳҳои амалӣ намудани пешниҳодҳо, имкониятҳои истифодаи онҳо, фаъолияти истеҳсолиро шарҳ дода, заминаҳои илмӣ ва амалии такмили минбаъдаи соҳаи таҳқиқшавандаро муайян месозад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмӯъ дар 62 кори илмӣ, аз ҷумла 1 монография ва 39 мақолаи илмӣ, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Ин иқдом нишон медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот аз санҷиши илмӣ гузашта, аҳамияти онҳо аз ҷониби ҷомеаи илмӣ эътироф гардидааст, ки муҳтавои асосии диссертатсия дар онҳо дарҷ гардидааст. Нашри онҳо дар чунин манбаъҳои бонуфуз ба баланд бардоштани сатҳи боэътимодии хулосаҳои илмӣ ва густариши истифодаи амалии онҳо дар соҳа мусоидат мекунад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муртазозода Ораз ба талаботи тартиби додани дараҷаи илмӣ муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори 11 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 № 295) ҷавобгӯй мебошад. Автореферати диссертатсия мутобиқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро дар бар мегирад. Дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида ба таври муфассал инъикос ёфта, муҳтавои назариявӣ ва амалии тадқиқот шарҳи пурра ва дақиқи худро пайдо кардааст.

**8. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар баробари муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ, ҳамзамон, як қатор камбудиҳои алоҳида ва ақидаҳои баҳсталаб мебошад, ки қайди баъзе аз онҳоро зарур мешуморем:

1. Агар дар зербоби 1.1. (с.24-44) муаллиф мафҳумҳои назариявии "идоракунӣ", “идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат», "фаъолияти инноватсионӣ"-ро аз назари илмӣ таҳлил менамуд, кор беҳтар мегашт.

2. Хуб мешуд, муаллиф принсипҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро дар як расм ё ҷадвал ҷой дода (дар диссертатсия расми 2.2.1, с.107 ва ҷадвали 2.2.1, с.111-112) онҳоро шарҳ медод кор пурратар мегардид.

3. Дар зербоби 3.1 (с. 138-168) агар муаллиф дар қатори таҳлил намудани нишондиҳандаҳои соҳаи саноат ба таҳлили вазъи муосири идораи инноватсия дар соҳаи саноат рӯй оварда, ба мақсади таҳқиқот мутобиқ менамуд, боз беҳтар мегардид.

4. Агар дар зербоби 4.2 «Вазъи муосири раванди ҳамгирой дар саноати Тоҷикистон» муаллиф натиҷаи ҳамгирой ва тиҷоратикунонии дастовардҳои илмиро дар мисоли якчанд корхонаи саноатӣ таҳлил намуда, ҳамзамон, шаклу усулҳо ва низоми дастгирии давлати рушди инноватсионии саноат асоснок карда мешуданд, ба натиҷаҳо баҳои иловагӣ зам менамуд.

5. Кор мураттаб мегашт, агар дар зербоби 4.3. «Ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун консепсияи муосири идоракунии рушди инноватсионии системаи саноатӣ», ақалан як мисоли ҳамгироии илм ва истеҳсолот оварда шуда, натиҷа ва самаранокии он баҳо дода мешуд.

6. Ҳангоми таҳқиқи зербоби 5.1. «Самтҳои афзалиятноки такмили раванди идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат» (с.267-288) муаллифро зарур буд, ки бандҳои дар расми 5.1.1.-ро (с.286) пурра кушода медод ва онҳоро ҳамчун самтҳои такмили идораи инноватсия исбот менамуд.

7. Муаллиф дар зербоби 5.3 «Ташаккули механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди «сабз» расмҳо ва ҷадвалҳои овардашударо ба идоракунӣ мутобиқ мекард, кор беҳтар мегашт.

8. Дар матни диссертатсия баъзан ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки мазмуну муҳтавои диссертатсияро гум намекунанд. Бо дарназардошти ин, андешаҳои муаллиф ҷолиб ва дар сатҳи зарурӣ иброз гардидаанд.

Эроду дархостҳои болозикр хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар ҳалли муаммоҳо доир ба такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноат нишон медиҳад.

**9. Хулосаи умумӣ ба диссертасия.** Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки идоракунии рушди инноватсионии низоми саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосӣ ва калидӣ барои таҳкими рақобатпазирии соҳа ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир таваҷҷуҳи махсус ба мутобиқсозии соҳаи саноат ба талабот ва принсипҳои иқтисоди “сабз”, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ, таъмин намудани бозори дохилӣ

бо молҳои ватанӣ ва тақвият додани иқтидори содиротӣ равона гардидааст. Бо дарназардошти ин, муаллиф дар корҳои нашршуда ва автореферат нишон додааст, ки системаи саноатӣ ва идоракунии он бояд бо қонуниятҳои илмӣ ва принсипҳои муосири муносибат байни субъектҳои иқтисодӣ мутобиқ гарданд. Хусусан, корҳои нашршудаи муаллиф ба таҳлили имкониятҳои рушди саноат, самтҳои афзалиятноки ҳамгироии инноватсионӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ ва “сабз” равона шудаанд.

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионии Муртазозода Ораз дар сатҳи баланди илмию амалӣ дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби доданаи дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат намуда, муаллиф сазовори додани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи молия ва қарзӣ Донишгоҳи**
**(славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Ашуров И.С.**

*Имзои д.и.и., профессор Ашуров И.С. - ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори идораи кадрҳои Донишгоҳи**
**(славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Исмаилова М.Н.**

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 905 557 788. E-mail: ikhtiyor.ashurov@inbox.ru